**ТАҚРИЗ**

**ба афтореферати диссертатсияи Сулаймонзода Манучеҳр Субҳоналӣ дар мавзуи «Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии сарвари давлат дар кишварҳои Осиёи Марказӣ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ.**

Дар таҳқиқи муқоисавию ҳуқуқии Сулаймонзода Манучеҳр Субҳоналӣ, ки аввалин дар навъи ҳуд дар Тоҷикистон мебошад, вазъи конститутсионии мақоми сарвари давлат дар панҷ кишвари Осиёи Марказӣ (Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Узбекистон) бо тарзи амиқу умумгаро таҳлил шудааст. Таҳқиқот дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ буда, ба рушди илми ҳуқуқи конститутсионӣ ва такмили низомҳои идоракунии давлатӣ дар минтақа хидмат менамояд.

Тавре муаллиф қайд менамояд, таъсиси ниҳоди президентӣ нишони дур шудан аз назари дастаҷамъонаи идоракунӣ, ки барои низоми шуравӣ хос буд, гузариш ба модели шаклгирифта ва мутамаркази роҳбарӣ асос ёфта, тавонист устуворӣ ва пайвастагии лозимро дар идоракунии давлатҳои нави мустақил таъмин намояд.

Чунон ки таҳлили амалияи минбаъдаи фаъолияти ин ниҳод дар як қатор кишварҳои минтақа нишон медиҳад, он воқеан ҳамчун кафили устувории сиёсӣ ва самти стратегии рушди кишварҳо баромад мекунад, ки зарурати омӯзиши амиқи вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии сарвари давлатро дар ҷанбаи сохтмони давлатии муосир ва мутобиқсозии он бо аҳаммияти имрӯза таъкид мегардад.

Диссертатсияи Сулаймонзода М.С. аввалин таҳқиқест, ки вазъи ҳуқуқии сарвари давлатро дар ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ ба таври ҳаматарафа ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ таҳлил менамояд. Навгониҳои илмии кор дар он ифода ёфтаанд, ки барои такмили низомҳои конститутсионӣ ва

раванди интихоботи президентӣ дар минтақа тавсияҳои амалӣ пешниҳод шудаанд, ки саҳми назаррас дар рушди назарияи ҳуқуқи конститутсионӣ ва таҳлили моделҳои идоракунӣ доранд.

Раванди ташаккули мақоми сарвари давлат дар кишварҳои минтақа дар се марҳилаи асосӣ – пеш аз давраи Шуравӣ, давраи Шуравӣ ва давраи истиқлолият таҳлил гардида, омилҳои таърихӣ, сиёсӣ ва фарҳангие, ки ба шаклгирии ин институт таъсир расонидаанд, мушаххас карда шудаанд. Ин таҳлил имкон медиҳад, ки рушди ниҳод ва хусусиятҳои минтақавии он аз нигоҳи таҳлили низомнок ва муқоисавӣ баррасӣ шавад.

Дар таҳқиқ ду модели асосии идоракунии сарвари давлат муайян гардидаанд: модели «мураккаб», ки дар он сарвари давлат ва мақомоти иҷроия равандҳои сиёсӣ ва ҳуқуқиро ҳамоҳанг менамоянд, ва модели «омехта», ки хусусияти ҳакамӣ ва ҳамоҳангсозӣ дар фаъолияти сарвари давлат ва шохаҳои ҳокимиятро нишон медиҳад. Таъсири ин моделҳо бар устувории сиёсӣ, самаранокии идоракунӣ ва рушди демократия дар кишварҳои минтақа ба таври равшан арзёбӣ шудааст.

Меъёрҳои интихоботи президентӣ дар ҳамаи кишварҳои минтақа таҳлил шуда, бо стандартҳои байналмилалӣ муқоиса гардидаанд. Дар асоси натиҷаҳо тавсияҳо барои такмили шаффофият, баробарӣ ва эътимоди ҷомеа ба раванди интихобот пешниҳод шудаанд.

Функсияҳо, ваколатҳо, кафолатҳо ва масъулияти ҳуқуқии сарвари давлат дар ҳар як кишвар ба таври муфассал баррасӣ гардида, тавсияҳо барои такмили низомҳои ҳуқуқӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои асосӣ ва таъмини мувозинат дар низоми ҳокимият пешниҳод шудаанд.

Мавод ва натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар раванди таҳсилоти ҳуқуқӣ, таҳияи сиёсати давлатӣ ва татбиқи ислоҳоти конститутсионӣ дар кишварҳои минтақа истифода шаванд. Ин таҳқиқ саҳми назаррас дар омӯзиши муқоисавӣ-ҳуқуқии институтҳои сарвари давлат дар сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ дорад.

Автореферат ба таври мантиқӣ омода гардида, имкон медиҳад, ки дар паси ба таври мухтасар пешниҳод кардани раванди таҳқиқот ва натиҷаҳои он навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, ҳамчунин пуррагии тасвиби натиҷаҳо дида шаванд. Ин омил ба кори илмӣ динамикаи мазмунӣ мебахшад, хулосаҳоро боваринок ва тавсияҳои амалӣ дар сатҳи амал татбиқшаванда месозад.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо таҳлили дастовардҳои муосири илми ҳуқуқшиносӣ, тарҳрезии дақиқи таҷриба, ки ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ мувофиқ аст, истифодаи таҳлили сифатӣ ва амалисозии маълумоти бадастомада таъмин гардидааст.

Ҳамзамон, дар автореферат баъзе ақидаҳои баҳснок вуҷуд дорад, ки ба асоснокии муфассалтар ниёз дорад.

Муаллиф дар қисмати шашуми нуктаҳои ба химоя пешниҳодшуда ду шакли танзими конститутсионии интихоботи сарвари давлатро дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷудо намуда, онҳоро вобаста ба мутамарказ ё пароканда будани меъёрҳои интихоботӣ дар матни конститутсия шарҳ медиҳад. Агар гуруҳбандии мазкур бо меъёрҳои дақиқи муқоисавӣ барои арзёбии бартарӣ ё нуқсонҳои ҳар яке аз ин моделҳо равшан баён мегардид, арзиши илмии рисола боз ҳам боло мерафт.

Бо дарназардошти ҳолати мазкур, ба мақсад мувофиқ аст, ки таҳлил бо истифода аз меъёрҳои иловагии ҳуқуқӣ, аз ҷумла бо ба назар гирифтани сатҳи мутамарказӣ дар танзими раванди интихобот, механизмҳои татбиқи меъёрҳо ва кафолатҳои ҳуқуқӣ, робитаи меъёрҳои конститутсионӣ бо қонунгузории соҳавӣ такмил дода шавад.

Бо вуҷуди ин, ин назар арзёбии мусбии авторефератро кам намекунад, зеро он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти анҷомдодаи муаллиф комил ва мантиқан анҷомёфта мебошад.

Муаллиф зиёда аз 48 маводи илмиро вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳия карда, ба табъ расонидааст, ки аз ин миён 3 монография ва зиёда аз 45 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 20 мақола дар

маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашршуда мебошанд.

Автореферат ва нашрҳои илмии муаллиф нишон медиҳанд, ки диссертатсия кори комили илмӣ-таҳқиқотӣ мебошад, ки ба таври мустақилона ва дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шудааст.

Бо назардошти навгониҳои илмӣ, асоснокии натиҷаҳо, эътимоднокии мавод ва аҳамияти амалӣ ва назариявии таҳқиқ, метавон ба хулоса омад, ки диссертатсияи Сулаймонзода Манучеҳр Субҳоналӣ кори илмӣ-таҳқиқотии комил мебошад. Муаллиф тавонистааст масъалаҳои ҷолиби назар ва муҳими ҳуқуқи конститутсионӣ ва моделҳои идоракунии сарвари давлатро ба таври мустақилона ва бо сатҳи баланди илмӣ таҳлил намояд. Аз ин рӯ, Сулаймонзода Манучеҳр Субҳоналӣ сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ ва танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ маҳсуб мешавад.

**Тақриздиҳанда**

Муовини саркотиби илмии
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
доктор илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Нематов А.Р.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025
ш. Душанбе, ҳ. Рӯдаки 33
Тел: 992 93 112 11 88
E-mail: anematov@rambler.ru

Имзои Нематов А.Р.-ро тасдиқ мекунам
Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус __________ Акрамзода Т.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС / ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ — АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН / НАЦИОНАЛЬНАЯ АКАДЕМИЯ НАУК ТАДЖИКИСТАНА

«05» 11 2025 с.